**Муаллими донишгоҳи давлати Тирмиз: Ҷомаҳматов Каромиддин**
**Раҳбари илмӣ: ф.ф.н.дотс: Р. Ҷ. Абдуллаев**

## Тадқиқи рӯзгор ва осори Бадри Чочӣ

Чуноне аз номи Бадри Чочӣ маълум мешавад, ки валодати ӯ дар шаҳри Чоч будааст ва Чоч номи шаҳре аст, аз Мовароуннаҳр, ки ба Тошканд машҳурӣ дорад.

Маҷмуаву иттилотие, ки аз тазкираҳову таърихи гузашта дар борaи ному насабу зиндагии Бадри Чочӣ ба даст омадааст бисёр кам аст. Номи ӯ дар тазкираи “Маҷмаъал фусаҳо”- Бадриддини Чочӣ”, дар “Урафот-ул-ошиқин”, “Бадриддини Шошӣ” (Шош, муъарраб Чоч аст), дар “Мунтахаб-ут-таворих” ва “Ҳафт иқлим” “Бадри Шошӣ”, дар “Сафинаи хушгӯ” “Бадри Чочӣ”, дар “Тазкираи Ҳусайнӣ” “Бадриддини Чочӣ”, ва дар “Махзан-ул-ғароиб” ва “Тазкираи рӯзи равшан” “Бадриддини тошкандӣ” омадааст. Бадр дар ашъораш номи худро, ба сӯрати “Бадр”, “Чочӣ” ва “Бадри Шошӣ”[1] овардааст. Чуноне аз тазкираҳои мазкур маълум мешавад, ки дар мавриди номи шоир ихтилофҳо вуҷуд доранд. Валекин барои мо аз ҳама муҳимтар худи ашъори шоир мебошад. Дар тамоми манбаъҳо аз Чоч яъне тошкандӣ будани Бадр ба мо аён аст. Бадр бошад номи шоир буда, мувофиқи анъанаи шарқиён дар гузашта бо ҳамроҳии “бадр” боз “аддин” ро ҳам илова менамуданд ва ин дар якҷоягӣ Бадриддин мешавад. Номи шоир далолат аз он медиҳад, ки муҳити хонаводагии шоир шахсони соҳибмаърифати аҳли Ислом буданд. Зеро ин гуна ном барои рушди оянддаи Ислом ба фарзанд гузошта мешуд. Дар назди форсҳо “Шош”ро “Чоч” мегӯянд. Номи қадимаи шаҳри Тошканд сараввал Чоч буд, баъди фатҳи арабҳо ба Осиёи Миёна “Чоч” ба “Шош” мубаддал гардид. Яъне аз сабаби дар алифбои арабӣ набудани ҳарфи Ч “чим” онҳо ба ҷойи он Ш “шин”ро корбаст намудан. Пас аз ин маълум мешавад, ки дар ҳар се номгузорӣ ҳам “тошкандӣ” будани Бадриддини Чочӣ маълум аст. Шоирро хоҳ Чочӣ, хоҳ Шошӣ ва ё Тошкандӣ гуфтан иштибоҳеро ба миён намеорад. Чунки дар назди мардуми Ӯзбекистон шаҳри Тошкандро бо ҳар се номаш мешиносанд. Ҳоло дар зер бо чанд байти шоир ошно мешавем, ки ҳолати рӯзгор ва мартабаи шоирро дар майдони илму адаб як миқдор нишон намудааст.

Шод бош эй Бадр к-аз фазли илоҳу базли шоҳ,
Меҳнати даврон гузашту навбати эҳсон расид.
Бадри Чочӣ чи кунӣ базми хавоқини ҷаҳон,
Маҷлис он беҳ ки дар ӯ моидаи дин созӣ.
Чочӣ, ки лафзи ӯ шаккарафшонтар аз ман аст,
Дар боғи мадҳ тӯтие нағмасаарои мост.
Ман саргаштаву зулфи туву шабҳои дароз,
Бадри Шошиву санои шаҳу илҳому суруш.

---

1Сурати охир фақат дар бахши “Афзӯдаҳо” дида мешавад.

Фахруззамон (фахри замон) низ лақабе аст, ки Муҳаммад Туғлуқ ба вай дода буду худи вай дар ашъораш бо ин лақаб ишора кардааст:

Султони салотини ҷаҳон Шоҳмуҳаммад,
К-имрӯз камини бандаи ӯ Фахри замон аст.
Бар ин дар Бадри Чочиро сухан ширин ғуломе дон,
Агарчӣ Хусрави олам кунад Фахруззамон номаш.

Бархе аз манбаҳои охирин номи ӯро "Муҳаммад" навиштаанд[2], вале дар тазкираҳоие, ки дастрас буд бад-ин ном ишорае нашудааст. Бо таваҷҷӯҳ ба инки номи мамдӯҳи Бадр "Муҳаммад" буда, агар номи Бадр низ "Муҳаммад" мебуд, ин назар мерафт шоир дар ашъораш бо ин мавзӯъ бо тасреҳ ё киноя ишорае кунад чаро ки ин ҳамномӣ метавонист василаи хубе барои тақарруб (наздикӣ Ҷ.К) ба мамдуҳ ба ҳисоб ояд.[3] Дар тазкираҳои баъдиву замони шоир дар мавриди ному насаби шоир ҳар гуна номгузориҳо вуҷуд доранд. Ҷолиби баҳс дар он аст, ҳар номе ки ба шоир нисбат дода мешавад, хеле арзанда ба назар мерасад. Мисли Бадри Чочӣ, Бадиддини Шошӣ, ё Муҳаммад ва Фахруззамон ки ба ӯ гузошта шудааст. Мақоми адабии шоирро албатта бо ном ва ё насаб муайян намудан айни адолат нест. Балки бо мероси боқигузоштааш ба ӯро муаарифӣ намудан ёрӣ мерасонад. Лекин барои тадқиқи ҳасана шудани мавзӯи мазкур сараввал бояд мо шахсият, муҳити адабӣ, фаолият ва мақоми шахсии шоирро донем.

**Сафар ба Ҳинд**

Нобасомониҳои, ки пас аз фитнаи муғул гиребонгири мардум шуда буд, боис гардид гуруҳи бисёре аз мардум аз ватани худ куч банданд ва дар ҷустуҷӯи макони осудатар бароянд. Дар ин миён, Ҳинд ҳам бад-ин ҷиҳат ки дар он рӯзҳо нисбат ба Мовароуннаҳр аз амният ва осоиштагӣ бесёртар бархӯрдор буд ва ҳам аз онрӯ, ки подшоҳи Ҳинд Муҳаммад Туғлуқ (мамдуҳи Бадр) ба муҳоҷирон илтифоту эҳтиром нишон медод аз ин сабаб пазироии меҳмонон ба Ҳиндустон бештар гардид. Ба гуфтаи Ибн Батута эҳтироми Муҳаммад Туғлуқ ба хориҷиён то ба ҳадде буд, ки муқаррар фармуд ба онҳо "азиз" гӯянд ба "ғариб"[4] (яъне муҳоҷироне, ки аз сабаби нобасомонии рӯзгор ва тохтутози муғулҳо ба диёри Ҳиндустон омада буданд, онҳоро шоҳ Муҳҳаммад Тӯғлуқ ба тариқи эҳтиром бо номи "азиз" ё "ғариб" даъват менамуд ва ба онҳо ҳамеша ёрии моддӣ мерасонид. Ҷ.К).

Адабдӯстии хонадони Туғлуқ ангезаи сафар ба ҳиндро барои шоирону нависандагон ва ҳунармандон зиёд карда буд, ба гунае, ки ба қавли муаллифи "Таърихи фаришта" "дар подшоҳии ӯ мин аввалан илал охирин узомову кубарову ҳунармандон ва киштишикастагони ба умед авотифу мароҳими ӯ аз Ироқ ва Хуросону Мовароуннаҳр, Туркистону Руму Арабистон ба Ҳиндустон меомаданд ва зиёда аз ончӣ тасаввур карда буданд навозишҳое меёфтанд"[5].

---

[2] Таърихи адабиёт дар Ирон,ҷ. 3, бахши дуввум, с 852 таърихи тафаккури исломӣ дар Ҳинд, с 107.

[3] Муаллифи "Кашфуласрор" аз як шеъри тасмия (байт 2685) номи "Муҳаммад"-ро истихроҷкарда ва онро ишора ба номи мамдуҳ донистааст. Шояд касоне бихоҳанд онро номи Бадр талаққӣ (қабул. Ҷ К) кунанд, ки он низ агарчи мунтафӣ нест, вале ашкол онҷост, ки ин .......... афзудаҳост ва интисоби он ба Бадр қатъи нест.

[4] Сафарномаи Ибни Батӯта, 2, с 83.

[5] Таърихи фаришта,с 236.

Ба гуфти Ғиёсиддини Ромпӯрӣ дар муқаддимаи “Кашф-ул-асрор», Бадр дар соли 733 ҳиҷрӣ қамарӣ аз шаҳри Чоч ба дорулхилофаи Деҳлӣ ворид шуд ва мулозиму надими (яке аз наздикони Ҷ.К) Султон Муҳаммадшоҳ бинни Туғлӯқ гашт.
Агарчи дар Урдӯ доираи маорифи исломия омадааст, ки: Бадр пас аз тарки ватан худи ӯ ба Эрон шуда ва дар даврони ҷонишиннон ҳалоку (хаста Ҷ.К) он ҷоро видо гуфтаву ба Ҳинд рӯй овадааст[6]. Вале дар девони Бадр ҳеҷ ишорае дар бораи сафар ба Эрон нест ва дар “Тазкираи Ҳусайнӣ” ҳам тасреҳ мешавад, ки Бадр аз ватани худ ба Ҳинд омадааст, ин байти Бадр низ муайян намояндаи он аст, ки аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон рафтааст:
Ба Кирдигор, ки арвоҳи Мовароуннаҳр,
Маро ба Хусрави олам ба бандагӣ доданд.
Яъне шоир мегӯяд: Ба номи он Худои бузург, ки руҳҳои бузурги олимони Мовароуннаҳр бандаро ба Хусрави олам бо хизматгорӣ супурдааст. Дар ин ҷо арвоҳи Мовароуннаҳр ба маънии олимони бузургӣ Осиёи Миёна буда, Хусрави олам ишора ба Муҳаммад Туғлуқ аст.
Чунон ки гуфта шуд роҷеъ ба мазҳаб ва ҷузъиёти зиндагии Бадр иттилооти (маълумоти лозима Ҷ,К) чандоне дар тазкираҳо мавҷуд нест. Аммо он гуна, ки аз ашъораш истифода мешавад вай аҳли суннат буда[7](яъне дар доираи мазҳаби аҳли сунна вал ҷамоъа Ҷ,К) ва назди Муҳаммад Туғлӯқ мавқеияти матлӯбе дошта. Он гуна ки шоҳ ӯро бар сари хон хонда ва ба ӯ “фуқои гулоб” (як нав шаробе, ки барои шахсони муътабар тайёр карда мешуд Ҷ.К) додаву ҳангоми маҷрӯҳ шудани Бадр дӯъои хайре кардааст[8].
Дар қасидаи 46 девони шоир ҳикоят аз он дорад, ки Бадр ба ҳамроҳии Ҷамол Малиҳ аз сӯи Муҳаммад Туғлӯқ ба касби қосиду сафир ба дарбори Қутлӯғхон фиристода мешавад[9].
Бадри Чочӣ мансабу ҳукумате ҳам дошта ва дар қасидаи 2 (Бахши афзӯдаҳо) саъияти душманону рақибони сиёсӣ худ изҳори шикояту дилтангӣ кардааст[10]. Дар бархе аз ашъораш ба имому муфтӣ ва мударрис будани худ ишорае кардаву дар ҷойи дигаре худро мискину фақир хонда, ки маҷбур аст

---

[6] Урдӯ доираи маорифи исломия, ҷ 4, с 159.
[7] Шоҳ Муҳаммад он валиаҳд халифаи замон,
Гар чу аммо чорумин шаҳри улумро дар аст.
[8] Бандаро шоҳ бар сари хон хонд,
Он ки аслаш зи насли Ҷамшед аст.
Гуфтамаш ки ҳатман беморе аст,
Гуфт дар сиҳҳати ту умед аст.
Шояд агар аз камин кам расад дарди сар,
Бадр чу аз мӯҳри шоҳ ёфт фуқои гулоб.

[9] Ба соли “давлати шаҳ” буд ғарраи шаъбон,
Ки сӯи мамлакати девгир шуд фармон.
Хитоб кард, ки эй Бадр бо Ҷамоли Малиҳ,
Ба некрӯз равон шав чу Рустами Достон.
[10] Аду ба ҳазрати хуршеди дин ҳикоят кард,
Ки Бадри вакт ҳукумате диёнат нанмуд.
Ин байт аз қасидае аст, ки дар бахши афзӯдаҳо омадааст.

бар сари минбар гадоӣ кунад[11]. Ҳамчун Бадр дар қасидаи 4 (Бахши афзӯдаҳо) аз қасди барои сафари Ҳаҷ сухан гуфтааст[12].

**<u>Ихтилоти Бадри Чочӣ бо Бадри Ҷоҷармӣ ва Бадри Шервонӣ</u>**

Чунон ки гуфта шуд дар баъзе тазкираҳо шарҳи ҳоли Бадри Чочӣ бо Бадри Ҷоҷармӣ (вафоташ ба 686 ҳ.қ) ва Бадри Шервонӣ (шоири қарни нуҳуми ҳ.қ) даромехтааст.

Дар "Сафинаи хӯшгӯ" омадааст: "Агарчӣ Давлатшоҳ ӯро аз Ҷому шогирди Маҷдуддин ҳам гар форсӣ менависад аммо ба таҳқиқ пайваста ки аз Ҷоҷарм аст". Пас аз ин матлаб, рӯбоиеро ки Бадри Ҷоҷармӣ барои Хоҷа Шамсиддини Соҳиб девон навишта ва рӯбоиеро, ки хоҷа дар хоб иншо кардааст, овадааст[13]. Аммо дар поёни сухан вафоти ӯро дар Ҳиндустону дар аҳди Муҳаммад Туғлӯқ навиштаву бархе аз ашъори Бадри Чочиро нақл намудааст. Соҳиби "Зариъа" мутаваҷҷеҳи иштибоҳи муаллифи "Сафинаи хушгӯ" дар халти (ҳамҷояшавӣ Ҷ.К) воқифи аҳволи Бадри Ҷоҷармӣ гардидааст. Дар тазкираи "Суҳуфи Иброҳим" низ тасреҳ шуда, ки баъзе тазкиранависон Бадри Чочӣ ва Бадри Ҷоҷармиро як донистаанд. Яъне ин хатои ҷиддие аз таърафи тазкиранигорон ва котибони асри гузашта мебошад, барои равшан намудани ҳаёт ва фаолияти ду намояндаи бузурги адабиёти форс-тоҷик халали илмӣ мерасонад.

Дар "Хулосат-ул-ашъор" низ чунон, ки гуфта шуд, номи вай Бадриддин Шошӣ Шервонӣ омадааст "ва дар айни ҳол он ки тамоми ашъори манқул (нақлгардида Ҷ.К) дар зайли ин ном аз Бадри Чочӣ аст. Худи ӯ аввал аз аҳли Чоч ва сокини Шамохи Шервон дониста шуда ва сониян ба аҳди Темӯр мансуб гардидаву солосан муриди Камоли Хуҷандӣ ва аз ақрони (асрҳои Ҷ.К) Мавлоно Котибӣ ба шумор омада ва бар ҳамин наҳҷ (лаҳҷаи росто Ҷ,К) зикри аҳволи ӯ аз ҳақиқат дур афтода аст"[14].

Бисёре аз ашъори Бадри Чочӣ низ ки дар фарҳангҳо ба унвони шоҳид (гувоҳ Ҷ.К) омада, ба иштибоҳ ба Бадри Ҷоҷармӣ мансуб гардидааст. Аз он ҷумла метавон ба абёти девони шоир 10, 14, 931, 827, 2162, 1046 ки дар луғатнома ба тартиби зайл "тарфо", "сақим", "лабоча", "поғанд", "бӯра" омада, ишора кард.

**Синни Бадр**

Дар "Хулосат-ул-ашъор" омадааст, ки марги вай се сол пас аз зиёрати Ҳарамайни шарафайн воқеъ гардид ва чун дар ҳамонҷо сафари Бадр баъд аз синни шастсолагӣ дониста шуда, эҳтимол дар ҳангоми марг қариб ба

---

[11] Бахт имомаст ман аз тахти ту сарафроз хоҳам шуд,
Номи маро чӣ гардад ар бандаи тоҷвар ниҳӣ.

Ба шаръу ба тадрису тазкиру фатво,
Чи буд аз ҷалолат, ки ман он надидам.
Зи ҷуди туст, ки ҷуз ман намонд дар олам,
Музаккире, ки кунад бар сари манобир дақ.

[12] Гарчӣ бадӣ кардаам рӯ ба Ҳақ овардаам,
Нияти Ҳаҷҷ кардаам гар бибрад Кирдугор.

Муаллифи "Хулосат-ул-ашъор» низ ки шарҳи ҳоли Бадри Чочӣ ва Бадри Шервониро тахлит кардааст. Аз сафари Бадр ба зиёрати ҳарамайни шарафайн баъд аз шастсолагӣ хабар додааст.

[13] Таърихи адабиёт дар Эрон ҷ 3, бахши дуввум, с 562.

[14] Таърихи адабиёт дар Эрон ҷ 3, бахши дуввум, 857.

шастучаҳор сол дошта, шореҳон низ аз як байт таъмия,[15] синни ӯро ҳангоми сурӯдан ин шеър шастушаш сол ё шаст сол ва нуҳ моҳе ташхис додаанд!

**Соли вафоти Бадр**

Вафоти Бадр дар тазкираи “Мунтахаб-ул-латоиф” соли 741 ҳиҷрӣ қамарӣ зикр шуда, вале ин торихи дуруст нест, зеро ҳамогуна ки гуфта шуд Бадр дар ашъори ба моддаи таърих “давлати шаҳ” (745) ишора карда ва ин ҳокӣ аз онаст, ки дасти кам то торих зинда будааст. Дар “Сафинаи хушгӯ” ва тазкираи “Сӯҳуфи Иброҳим” марги вай дар аҳди Султон Муҳаммад Туғлӯқ (725-752) ҳиҷрӣ қамарӣ зикр шудааст муаллифи ”Ҷомеъ-ул-луғот” соли вафоти Бадрро 745 навишта[16] ва дар адабиёти исломии Ҳинд марги вай ба соли 748 ҳиҷрӣ қамарӣ зикр шудааст[17] .

Аз онҷо ки дар шеъри Бадр ҳеҷ ишорае ба марги Муҳаммад Туғлӯқ дида нашуда ва салотин пас аз вай низ мавриди ситоиш қарор нагирифтаанд, ба назар мерасад, ки Бадр пеш аз Муҳаммад Туғлӯқ дунёро видоъ гуфта бошад. Бинобар ин торихи вафоташ мухтасар аст байни ду сол 745 ва 752 ҳиҷрӣ қамарӣ ки охирин соли ҳаёти Муҳаммад бинни Туғлӯқ будааст[18]. Дар натиҷаи сухани муаллифи “Хулосат-ул-ашъор”, ки вафоти ӯро 754 ҳиҷрӣ қамарӣ навишта устувор наменамояд[19].

**Теъдоди абёти девон**

Теъдоди абёти девони Бадри Чочӣ дар “Урафот-ул-ошиқин» ва “Маҷмаъул-фусаҳо”, ду ҳазор байт дар “Хулосат-ул-ашъор” се ҳазор байт ва дар тазкираи “Ҳусайнӣ”, тахминан шаш ҳазор байт зикр шудааст, теъдоди абёте, ки дар аксари нусхаи хаттӣ омадаву дар табъ ҳозир мавҷуд мебошад болиғ бар ду ҳазор ва сад байт ва наздик ба ададе аст, ки дар “Урафот-ул-ошиқин” ва “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” омада, вале агар абёте, ки дар “Кашфуласрор” ва баъзе тазкираҳо низ омада (бахши афзӯдаҳо) дар назар гирифта шавад ин адад беш аз ду ҳазору ҳаштсаду сӣ хоҳад расид ва метавон онро бо рақаме, ки дар “Хулосат-улашъор» зикр шуда қиёс намуд.[20]

Муаллифи “Мунтахаби таворих” сурудани шоҳномае ба номи Муҳаммад Туғлӯқ болиғ бар сӣ ҳазор байтро ба Бадр нисбат додаву афзӯдааст: “Ҳамин ки торихи манзум аст, ғаниматаст”[21]. Аз ибороти охир чунин бардошта мешавад, ки китоби мазкур бояд дар заминаи ҷангҳо ва лашкаркашиҳои Муҳаммад Туғлӯқ бошад, бархе аз муҳаққиқони мутааххир низ аз вуҷуди чунин шаҳодатнома хабар додаанд[22]. Аммо доктур Забеҳуллои Сафо тасриҳ

---

[15] Ин замон шоҳи ҷаҳон фахри замонам ном кард,
Райи ҳашр аз панҷаву чил рафту шуд бо чор ман.

[16] Байти фавқ дар шарҳи “Кашфуласрор” и Усмонхонӣ омадааст.

[17] Ба нақл аз урдӯ доираи маорифи исломия, ҷ 4, с, 160.

[18] Адабиёти исломии Ҳинд, с 29.

[19] Тарихи адабиёти Ирон.ҷ з бахши дуввум с 855.

[20] Китоби адабиёти исломии Ҳинд (с 29) теъдоди абёти қасоид сӣ ҳазор байт омада, ки эҳтимолан хатои матбӯъӣ аст.

[21] Мунатхаби таворих, ҷ 1, с 24 Мунатхаби таворих, ҷ 1, с 241.

[22] Балӯшаҳ, дар шарҳе, ки бар нусхаи девони Бадри Чочӣ навишта (нақл аз торихи адабиёт дар Ирон ҷ 3, бахши дуввум с 856) Саид Нафисӣ (тарихи танзим ва нашр дар Эрон ҷ 1, с 204) Она Море Шиммел (Адабиёти исломии Ҳинд с 29).

мекунад, ки Бадр ҷуз ҳамин девони мавҷуд, маҷмуъаи шеър ё манзумаи дигар надоштааст[23].
Бадри Чочӣ девони ашъори худро дар соли 745 ҳиҷри қамарӣ тадвин ва танзим намуда ва моддаи таърихи онро бад-ин сурат баён кардааст:
Соли таърихи араб "давлати шаҳ" буд ба акд,
К-осмон икди суханҳои маро дод низом[24].

**Мазмуну муҳтавои шеъри Бадри Чочӣ**

Девони аслии Бадри Чочӣ дорои 61 қасида ва 36 қитъаву қасидаи кутоҳу ва 2170 байт мебошад. Дар бахши афзӯдаҳо он шомили қасида, ғазал ва рубоӣ ҳам аст. Агарчӣ дар ҳеҷ кадом нусхаҳои хаттӣ дида намешавад вижагиҳои сухани Бадрро ҳувайдо намудааст.

Ҳунару маҳорати Бадри Чочӣ бештар дар сурудани қасида намоён мешавад. Қитъаҳои ӯ соддаву салис ва мазомини он бо қасидаҳояш шабоҳат дорад.

Муқаддимаи қасоиди ӯ ғолибан дар бораи тулӯъ ва ғурӯби хуршед, омадани баҳор, васфи хазон, васфи осмону шаб, авсофи маъшуқ, тавсифи шаробу соғар ва даъват ба майгусориву тавсифи қалам аст ва аз ин ҳайс, шабоҳати зиёде бо қасоиди салафи Бадр яъне Ҳоқонӣ дорад.

Матни аслии ин қасоид ба мадҳи мадмдӯҳ ихтисос дорад. Чуноне аз қасидаҳзои шоир маълум мешавад, ки Бадри Чочӣ шоире аст маддоҳ ва ҳамонанди ҳамаи шоирони дарбор аз инкӣ чаҳор рукну ҳафт иқлимро барои муболиға дар мадҳ ба ҳам бирезад. Бадр дар ғолиби ин мадеҳаҳо бо васфи шуҷоат, бахшишу адли мамдӯҳ ва аспу шамшеру қасру қалам ва дигар ташбеҳот мепардозад ва барои бузургдошти мамдӯҳ то бад-ончо пеш меравад, ки бо маҳосини худ даргоҳи султонро ҷорав мекунад[25]. Мусалламан чунин кас агар дар роҳи ситоиши мамдӯҳ муртакиби тарки адаби шаръӣ шавад ва ба арзишҳову бовариҳои динӣ беэътноӣ кунад ҷои тааҷҷуб нахоҳад буд, агарчӣ он мамдӯҳ дар зоҳир ба ҷиҳати шамшер задан дар роҳ ҳамон эътиқодот ба "ғозӣ" мулаққаб шуда бошад.

Ривоҷу густариши шеъри хонақоҳӣ дар он айём боисе шудааст, ки бархе мазомину калимоти ирфонӣ дар шеъри Бадр низ роҳ ёбад, назирагӯии ишқ, калиди дари ирфон, соқии базму қадам[26], ва алалхусус қасидаи 36 чунин аст. Матлаъ:

Эй дили ташна соғари ғам каш,
Соғари ғам ба рӯи хуррам каш.

---

[23] Албатта аз қитъаи 31 (бахши афзӯдаҳо) чунин бармеояд, ки Бадр дар заминаи ҳикмат низ таълифе доштааст.
[24] Маҷмуаи аъдод ҳурӯфи "давлати шаҳ" ба ҳисоби ҷамил мешавад: 745.
[25] Ба дасти ҳар ҳама, фарроша аз маҳосини Бадр,
Ки ӯ чу қалби асад калби роҳи дарбон аст.
[26] Ҳар кӣ дар кӯи ишқ зад қадаме,
Шаҳвори мамолики адаб аст.
К-ой Бадр калиди дари ирфон ба каф овар,
З-он пеш ки на торам шашрӯза дарафтад.
Хез, ки вақти саҳари ғамзадаро медиҳад,
Май зи хӯмистони ишқи соқӣ базму қадам.

Ки дар он дардҳову ғамҳои ирфониро дар чеҳраи шоҳиде мебинад ва мухотабро ба арӯсе бо он фаро мехонад:

Шоҳиди дардро арӯс кун,
Нили рад бар изори марҳам каш.

Ва зоҳиран бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин мазомин аст, ки муаллифи тазкираи "Махзан-ул-ғароиб" дар бораи шеъри ӯ гуфтааст: "Аз чошнии фақр насибе дошт" ва муаллифи тазкираи "Рӯзи равшан" низ Бадрро "дарвеши озодимашраб ва некӯсират", мехонад, албатта ин нафхаҳои ирфонӣ баҳои ва ғолибан бар самӯми мадҳ зойил мешавад.

Аз дигар мавзӯъоту мазомин шеъри Бадр метавон ба ғанимат шумурдан дам ( байти 790), тарки зӯҳд (байти 331), шикоят аз авзои замона ва дар ранҷ будани аҳли ҳунар (абёти 279 то 282 ва 859 то 865), ситоиши хурд (абёти 262-263-274), баландии табъ ва истиғно (абёти 1363 то 1372) ва мазамату маддоҳиву ситоиш аз шоҳон (абёти 1789 ва 1790) ишора кард.

Аз ҷумла мавзӯъоте, ки дар шеъри Бадр бо он таваҷҷуҳ, назароти мутаноқазе аст, ки шоир дар бораи мавзӯъ воҳиде матраҳ карда, масалан ӯ дар абёти бисёре мухотабро бо майгусорӣ фаро мехонад ва бар васфи бодаву соғар мепардозад, вале гоҳе ҳам аз шароб ба "ғуслайн" ва "оташи сарди хурдсӯз" таъбир мекунад (абёти 418 ва 1784), гоҳ қасидаҳоеро бо баёни мақомҳои мусиқӣ ихтисос медиҳад (қасидаи 30) ва гоҳе аз мухотаб мехоҳад, ки аз чангу дафъ эъроз кунад ва мутриб аз саропардаи азалӣ бихоҳад (абёти 416, 417, 420) гоҳе хонандаро ба майгусориву тарки зӯҳд даъват мекунад, (байти 331) ва гоҳе ӯро ба беэътиноӣ ба боғи дунёву бетаваҷҷӯҳӣ ва файз гирифтан аз чарх тавсиа мекунад (абёти 267, 268) дар бисёри аз абёт дар васфи маъшуқ доди суханро медиҳад ва гоҳе низ дар мазаммати ишқу маъшуқи маҷозӣ сухан мегӯяд (абёти 1748, 1757, 1758, 1779, 1780). Ба назар мерасад бархе аз ин таноқизҳоро бояд натиҷаи он донист, ки шоир дар он "лаҳза" зиндагӣ мекунад ва аволими дарунӣ ӯ дар ҳар "ҳол" мутаасир аз муҳити перомун аст ва дар натиҷа:

Гаҳе бар торам аъло нишинад,
Гаҳе дар пеши пойи худ набинад.

Ва бахше аз ин ноқизаҳоро ҳам бояд ба далели мутаассир шудан аз ҷараёнҳои адабӣ мутанавеъ ва мутааддаде донист, ки дар он рӯзгор марсӯм ва мутадовил будааст.

Яке аз дигар мавзӯъот мавриди алоқаи Бадр "муаммогӯӣ" аст[27].
Аксар ин муаммоҳо ба номи қалам, ҷом, теғ ва номи мамдуҳ аст. Агарчӣ ба таъбири зиндаёд аллома Ҷалолиддин Ҳумойӣ оини кор ба дарди касе мехӯрад, ки дар гушае монанди зиндон бекор афтода бошад[28], вале набояд аз тафовут ва таъғири зоиқаҳои адабӣ ғофил буд. Алоқае ки шарҳан Ҳиндӣ ба ҳалли ин гуна муаммоҳо бошанд додаанд ва таърифу тамҷиде ки пас ҳалли муаммоҳо аз гӯяндаи он намудаанд, аз ривоҷи ин шеваи сухангӯӣ дар он

---

[27] Абёти 89, 90, 148, 149, 278, 513, 576, 574, 684, 806 ва... дида шуд, аз онҷо ки ингуна абёт фоқиди арзиши адабӣ ва ҳунарӣ аст, барои намуна фақат теъдоде аз муаммоҳо тавзеҳ дода шудааст.
[28] Фунуни балоғат ва саноъоти адабӣ, с 344.

замон ва дар он сомон ҳикоят дорад[29]; Магар на ин аст, ки имрӯза низ бархе аз шоирон ва мунтақидон ибҳом печадагиро аз зарӯриёт шеъри ноб медонад.

Инъикоси мустақим бо ғайри мустақим авзои ичтимоӣ дар шеъри Бадр заъиф аст ва ҳаводиси талхе дар он вақт бар сари мардуми Ҳиндустон ворид омада дар шеър мунъакис нагардида аз ҷумла: Қаҳтии Ҳиндустон ва дар миёни лашкариён боиси маргу мири бисёре аз онон шуд[30]; Дар ҳақиқат девони Бадр ҳамчун шеъри бисёре аз шоирони мадеҳасаро, оина дар ёр аст на оинаи ичтимоъ.

Аз ҷумла ишороти таърихӣ шеъри Бадрро метавон ба фатҳи қалъаи Нагаркӯтӣ (қасидаи 4) чатри сиёҳе, ки бар сари султон будааст (абёти 645, 1139, 1368 ва...), тасвири боз ё ҳумо бар чатр (абёти 190, 300, 315, 432 ва...) ва вуҷуди фил дар лашкар (абёти 218, 304) расидани хилъат ва ливо аз халифа ва инкӣ ҳар сол ду бор хилъату ливои халифа мерасидааст (байти 638) ва васфи оинбандии шаҳр (қасидаи 28) ишора кард.

**Шеваи шоирӣ**

Сурӯдҳои Бадри Чочӣ аз зумураи дерёбтарин ва мутакаллифтарин ашъори адаби форсӣ аст; Муаллифи "Маҷмаъал-фусаҳо" вайро дорои "тарзе ғариб" хондаву аз ин рӯст, ки "аксар мардуми ҳинд фахр мекунанд ки фалон кас девони Бадри Чочиро дарс мегӯяд[31]" ва ба ҷиҳати ҳамин тасаннеъҳост, ки соҳиби тазкираи "Ҳафт иқлим" мегӯяд: "Агарчӣ шеъраш бениҳоят диққат дорад аммо аз ғояти печидагӣ, мафқуд аз мазаҳу кайфият гардид".

Иддае бар онанд, ки Бадри Чочиро дар канори Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ ба унвони се шоире ки дар Ҳиндустон иштиҳору эҳтироми тамом доранду мардуми ҳинд мақоми онҳоро баъдан аз Мавлавиву Саъдӣ медиҳанд, ёд кардааст[32]. Азиз Аҳмад, ашъори Бадрро нуқтаи таҳаввуле дар тавсиаи сабки махсуси ҳиндӣ баршумурда[33] ва устод Саъиди Нафисӣ, қасоиду қитъаоти вайро ба сабки озарбойҷонӣ дониста ва вайро охирин шоире ки бад-ин сабк сухан суруда, муаррифӣ кардааст[34].

Бадри Чочӣ яке аз тавонотарин муқалиддони қасоиди Ҳоқонӣ аст ва шеваи баёни ӯ беш аз ҳар кас бо тарзи Ҳоқонӣ шабоҳат дорад; Монандагии шеваи сухани ин ду шоир то ба ҳадде аст, ки роҳате метавон бурд. Бархе аз аз абёти Бадрро ки дар он ба истиқболи қасидае аз Ҳоқонӣ рафта аст, дар

---

29 Гоҳе шореҳон як муамморо бо чанд сурат ҳал кардаанд ё як байт ғайри муамморо ба рушд таъмияи маънӣ кардаанд ва гоҳе пас аз ҳалли муаммоҳои бисёр печида, иборai " Аллоҳ дар қоил"-ро бар забон ҷорӣ кардаанд!

30 Сафарномаи Ибни Батӯта, ҷ 2,с 122 ва 138, Ибни Батӯта нақл мекунад ки дар айёми қаҳтии Ҳиндустон рӯзе се занро дида ки пӯсти асберо ки моҳҳо пеш мурда буд тикка-тикка карда, мехӯрданд.

31 Махзани ғароиб, ҷ 1, с 305.

32 Торихи адабии Эрон, ҷ 3, аз Саъдӣ то Ҷомӣ, с 468.

33 Торихи тафаккри исломӣ дар ҳинд, с 111, намунае аз нозуки хаёлҳои сабки ҳиндиро дар ин метавон мушоҳида кард:

Даруни пираҳанаш таб то гирад,
Агарчӣ нола намудаш ки раҳи гиребон аст.

34 Торихи назму нашр дар Эрон, ҷ 1, с 203.

шеъри Ҳоқонӣ ҷой дод, интисоби ин байти машҳур ба Ҳоқонӣ аз шабоҳати муфрадот ва таркиботи забони ин ду шоир ҳикоят дорад[35]:

Оҳӯи оташинро чун барра дар бар орад,
Кофур хушк гардад бо мушки тар бар орад.

Бинобар ин ағлаби вижагиҳое ки барои шеъри Ҳоқонӣ баршумурдаанд дар бораи шеъри Бадри Чочӣ низ содиқ аст, аз ҷумла:

Бисёре иттилову иҳотаи вай барои луғоти форсиву арабӣ ва истилоҳоти фалсафаву иттибоъ ва диққати адабии ӯ дар таркиби алфоз, сабаби пӯшидагиориву афкори соддаи вай гардида... ва бар қазиййати инсоф бояд гуфт ранҷи хонандагон дар идроки мақосид ӯ бо натиҷае ки пас аз ғавру диққату мурочиъа ба шуруҳ ҳосил мекунанд баробар нест... маълумоти вай дар қуввати табъи вай бар абдои ин тарокиб дастёрӣ қавие будааст чи, пас аз таттабуъ ва назари жарф бад-ин натиҷа мерасем ки робитаи маънавии бисёре аз ин муфрадот дар ҳоли таркиб, зодаи тадбири аламӣ ва иттилоъоти васеъ гӯяндаи онҳо мебошад[36]...

Яқин аст, ки диққату борикандешии бисёр, ки хаёли роз аз ҳадду табиъий бад-он сӯ кашонд, матлӯб нест ва бад-ин ҷиҳат гоҳе андешаи вай ба назар, берун аз иътидол меояд ва ба луғзу муаммо мемонад, ҳарчӣ дар ин ҳол тавоноии табъи вай маҳсус аст вале хонандаро ба ғарази аслӣ ки таъсири хаёли гӯянда бошад дастрасе нест, бо ин ҳама жарфии фикр, гумон меравад ки устод ба мусомаҳаву саҳлнигорӣ дар мақоми ташбеҳ ҳам гоҳе мутамоил мешуда ва бо мувофиқати порае ҷиҳот аз тахаллуфи баъз дигар сарфи назар мекардааст чӣ дар девонаш абёте[37] дида мешавад ки ҳамаи дақоиқи ташбеҳро доро нест[38].

Бадри Чочӣ дар ориянанд кардани калом худ аз ҳеҷ кӯшише фурӯгузор намекунад, шеъри ӯ машҳӯн аз саноеъи лафзиву маънавӣ аст аз қабили: ийҳом, ташбеҳ, истиора, муроъот назир, навҳои ҷинсҳо ва алҳаққ ки дар санъати ийҳом, даҳани халлоқ ва мубтакар дорад, зарофат ва ҳунари Бадр дар ба коргирии ин ийҳомҳо, ҳунару санъати Хоҷаи Шерозро фарёд меовард, ба тӯре ки бо тааммул дар шеъри Бадр метавон ба ийҳомҳову нукот дар шеъри

---

[35] Илова бар шабоҳатҳои мазкур, ки далели таваҷҷуҳи Бадр бо шеъри Ҳоқонӣ аст, вай як бор низ дар чакомае ки дар он ба истиқболи қасидае аз Ҳоқонӣ рафта, аз лақаби вай ба тасреҳ ёд карда ва дар мақоми муқоиса шеъри худро бар шеъри Ҳоқонӣ тарҷеҳ додааст:

Афзал ки аз фармони ӯ берун нашуд Ҳоқони ӯ,
Оби рахи девони ӯ з-ин шеър ғизо рехта.

Ки мурод аз "афзал" Афзалиддини Ҳоқонӣ аст.

[36] Устод Фурӯзонфар "Хонаи бод"-ро мисоле задаанд, ки дар шеъри Ҳоқонӣ киноя аз "бурҷи мизон" аст ва дар шеъри Бадр метавон "фардхонаи сарди вазир"-ро дар ин байт мисол овард:

Чу подшоҳи ҷаҳонгир олами боло,
Ба фард хонаи сарди вазир шуд танҳо.

Ки ки киноя аз бурҷи саратон аст; Ёд дошт байти 100 мурочиъа шавад.

[37] Аз шеъри Бадр метавон ин байтро шоҳид овард:

Бин рангеву рӯме ин дар диққу в-он дар варам,
В-аз ҳалқашон ҳар сӯбҳидам з-ин ғӯсса сафро рехта.

Ки дар он аз нури хуршед ба "сафро" таъбир шудааст.

[38] Сухан ва суханварон, сс 415 то 619 бо талхис.

Ҳофиз даст ёфт[39], назир корбурди паҳлӯи ду калимаи “зиҳӣ” ки дар шеъри Бадр илова бар маънии “савти таҳсин” ба “зиҳ камон” ҳам ишора дорад:

Зиҳӣ камони туро тир осмони сад пай,
Барои чарх зи маҳ муштарӣ шавад ҳар моҳ.

Ва ба назар мерасад ки Ҳофиз низ дар ин байт (девон, с 596):

Толеъ агар мадад диҳад доманаш оварам ба каф,
Гар бикашам зиҳӣ тараб вар бикашад зиҳӣ шараф.

Ийҳоми таносуб байни “зиҳ” ва “кашидан”-ро мавриди таваҷҷӯҳ дошта бошад, калимаи “хаёл” низ ки дар шеъри Бадр чандин бор аз ҷумла дар байти зер-бо ийҳом бо маънии мусиқойӣ он ба кор рафта[40]:

Арӯси заҳра дар айвон бар кашидаи чарх,
Хаёли нусхаи ҷоҳи ту мекунад таҳрир.

Мавриди таваҷҷуҳи Ҳофиз низ будааст (девон,с 610):

Биё ки пардаи гулрез ҳафт хонаи чашм,
Кашидам ба таҳрир коргоҳи хаёл.

Касрати ташбеҳу истиора яке дигар аз вижагиҳои ошкори шеъри Бадр аст. Фузунии истиора дар шеъри Бадр ба сурати чистону муаммо бар меояд, назири ин байт:

Мори зарандӯда бин дар даҳанаш мушки тар,
Мурча бин садҳазор дар пайи ӯ бар қамар.

Ки дар васфи қалам аст ва мору мушку мурча ва қамар ба тартиби истиора аз қалам, маркаб, сиёҳии ҳурӯфу коғазаст ва дар бисёрии маворид чунончӣ маънои маҷозии яке аз калимот дониста шуд, пай бурдан ба маънои истиораи калимоти дигар осон хоҳад буд; масалан дар ин байт:

Меҳмон кунам хаёли рахшро ба оби шӯр,
Дар косаҳои нукра бар сӯрфаи зараш.

Агар бидонем, ки косаи нуқра истиора аз чашм аст, пай бурдан инкӣ бо оби шӯр ва сӯфраи зар ба тартиби истиора то онҷост, ки калимаеро ки худ дар мақоми истиора аст ба чизи дигар ташбеҳ мекунад, назири байт:

То буд лаъли ёру вақти сухан,
Пораи оташ ки бар барад аст.

Ё:

Эй зулфи анбаринат шамшоди лолапарвар,
Унноби шаккаринат лаъли ситора дар бар.***********

Ки дар онҳо лаълу унноб истиора аз лаби маъшуқанд ба тартиб ба пораи оташу лаъл монанд шудаанд.

“Мушабабаҳ”-ҳо дар шеъри Бадр одатан ҳиссе аст ва аз муҳити перомуни ӯ интихоб мешавад ва ҳамин таваҷҷуҳи шоир ба муҳити атроф боис шудааст, ки тасовири шеъри ӯ “сабғаи ашрофӣ” дошта бошад; Ибни

[39] Нигоранда бархе аз ин маворидро дар мақолае ҷамъоварӣ ва ироа намудааст, мурoҷиъа шавад ба “ҳазор нуктаи бориктар зи мӯ (чанд ийҳом ва ишораи навёфта дар шеъри Хоҷаи Шероз)” Пайки нӯри улуми инсонӣ, соли саввум, шумораи 4, зимистони 1384.

[40] Калимаи “хаёл” ба унвони як истилоҳи мусиқӣ дар фарҳангҳо мушоҳида нагардид, вале муаллифи “”Кашф-ул-асрор» онро навъе “суруд” ва муаллифи “Тӯҳфат-ул-ҳинд” онро навъе “тасниф” муаррифӣ кардааст; ба ёддошт байти 974 мурoҷиъа шавад.

Батӯта ки ҳангоми убӯр аз Ҳинд ба дарбори Муҳаммад Туғлуқ роҳ ёфтаву солҳо дар онҷо иқомат карда, қасри султонро ин гуна тавсиф мекунад: “...Дар фосилаи байни дари дуввум ва дари саввум даккаи бузурге ҳаст, ки нақидун нақибо амӯди заррин дар дасту кӯлоҳи зарринии ҷавоҳирнишон, ки бар қуллаи он пари товус насб шуда бар сар, дар онҷо менишинаду нақибон бо дасторчаҳои зардӯзишудаву камарҳову тозиёнаҳои ки дар дастаҳои заррин ё симин дорад дар баробари ӯ менишинанд”[41] ва роҷеъ ба боргоҳе ки барои саломи рӯзи ид мезананд ингуна гузориш медиҳад: “....Дар дохили он аз абрешими рангиншабаҳ дарахтони бо гулҳои шукуфта даровардаанд. Ин дарахтонро дар се радиф қарор медиҳанд ва дар фосилаи ҳар ду дарахтӣ тахтаи заррин мегузоранд ки бо пӯшиши махсӯс ба рӯи он қарор дорад ва сарири аъзаму бархӯрдони шоҳиро бар сад толор ҷой медиҳанд ва он саросар аз зарноб сохта шуда бо пояҳои ҷавоҳирнишон... ҳар қитъа аз сарир ба иллати сангинӣ вазни толо ба василаи чанд тан ҳамл мешавад, рӯи тахту гунбазҳо мегузоранд ва чатре мурассаъ ба ҷавоҳир бар фарози он меафрозанд”[42] . Бинобар ин ҷои тааҷҷуб нахоҳад буд агар бубинем ду калимаи зару заррин дар ин девон беш аз сесад бор ва калимаи лаъл беш аз ҳаштод бор такрор мешавад! Тасвире ки Бадри Чочӣ дар абёти зер аз гесӯвони фурӯҳаштаи маъшуқро ироа карда низ зоҳиран мулҳам аз воқеият аст:

Зӯлфаш ба сияҳрӯӣ шуд хасми шаҳи олам,
К-аз кунгураи хуршед овехт нагунсораш.
Аз зӯлфи бутон кам шав ошӯфта ки медоранд,
Сарзери ду ҳиндӯро аз тарфи маҳ овезон.

Чаро ики дар торихи и”Фаришта” роҷеъ ба Муҳаммад Туғлуқ мехонем: “...Аз ҳама рангинтар он ки худ ба расми шикор берун рафт ва чандин ҳазор раъиятро куштаву ғорат карда, фармуд ки сарҳои эшонро бар кунгӯраҳои ҳисор овехтанд”[43] ва аз ин қабил аст тасвире ки дар байти зер аз чашму мардумаки чашм ва абрӯ ироъа кардааст:

Ҳоҷибон пайваста дар меҳроб з-он рӯ овардаанд,
Тарки мастӣиро тифли ҳиндӯш андар бараст.

Ки зоҳиран бо таваҷҷӯҳ ба диққату муроқабате ки султон Муҳаммад дар амру иқомаи намоз дошта, суруда шудааст. Ибни Батӯта дар ин бораи намозу иқомаи ҷамоъат бисёр мутаасиб буду тарки онро сиёсати шадиде мекард... ва ҳар кас ҳангоми иқомаи намози ҷамоъат ба масҷид мерафт, сиёсат мешуд”!.

Бадр дар ашъораш худ ба таркибсозӣ низ таваҷҷӯҳи хосе дошта аст. Таҷзия ва таҳлили дастӯре ин калимоти мураккаб маҷоли дигаре металабад[44], дар инҷо фақат ба зикр чанд маврид иктифо мешавад:

---

[41] Сафарномаи Ибни Батӯта, ч, 2, с 72.
[42] . Торихи фаришта, 244

[43]Сафарномаи Ибни Батӯта, ч 2, с 71.
2 Сохтмони бархе аз калимоти мураккаб дар шеъри Ҳоқонӣ тавассути duктӯри маъсӯма Маъданкан баррасӣ шудааст, ки ҷиҳатӣи мутоили калимиоти мураккаб дар шеъри Бадр қобили истифода тӣавонад буд, руҷӯъ шуд ба соғаре дар сангистон (Маҷмуаи мақолот), “Партаве аз ҳунару халлоқияти Ҳоқонӣ”, с 98.

Таркибҳову таъбирҳо низ дар шеъри Бадр аз басомади болоӣ нисбатан бархӯрдор мебошад, аз он ҷумла аст:

Камоли нуқсон (байт 373), оташи сард (байт 418), оби хушк (байт 750), оташи тар (байт 750), бевазани панҷшӯя (байт 1046), дар сати қалб (байт 1444), оби ташна (байт 1170), кофӯри гарму мушки сард (байт 1445), барфи хушк (байт 1476), чашмаи бенам (1556), сояи хуршедафрӯз 9байт 2075), гӯёи хамӯш (байт 2076), яхча фурӯзи оташи тар (байт 2347), ва оташи яхчанамо (байт 2451), таъобир назир "Миҳани обод" (байт 920), соя андохтан бар офтоб (байт 963), маҷмӯаи дилҳои парешону аҳвол (байт 1214), аз ду тараф рафтани чашма ва расидани чашма ба моҳӣ (байт 1557), ва об додан аз оташ (байт 2057), низ метавон таз мақӯлаи таъобир мутаноқизнамо ба ҳисоб овард. Баҳс дар бораи шеваи шоирии Бадри Чочиро бо зикр бархе аз вижагиҳои нодири шеъри вай ба поён мебарем: